# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2016, № 529

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ба замимаи 1 "Низомномаи Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2016, № 529 "Дар бораи таъсис додани Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо" тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- дар номи боби 3 ва банди 7 пас аз калимаҳои "РАИС," ва "раис" мувофиқан калимаҳои "МУОВИНИ ЯКУМИ РАИС," ва "муовини якуми раис," илова карда шаванд;

- банди 8(1) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"8.(1) Дар ҳолати набудани раиси кумита (рухсатии меҳнатӣ, беморӣ ва сафари хизматӣ), муовини якуми он дорои ваколатҳои пешбининамудаи банди 8 низомнома мебошад. Дар ҳолати набудани раиси кумита ва муовини якуми ӯ ваколатҳои пешбининамудаи банди 8 низомнома, ба истиснои ваколатҳои дар сархатҳои шашум, ҳафтум ва ҳаштум нишондодашуда, ба муовини рамси кумита вогузор карда мешаванд.".

2. Замимаи 2 "Ҳайати Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2016, № 529 "Дар бораи таъсис додани Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо" тасдиқ шудааст, дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон    Эмомалӣ Раҳмон

аз 10 июни соли 2019 № 282

ш.Душанбе

Замимаи 2

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "10" июни соли 2019, № 285

тасдиқ шудааст

## Ҳайати Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо:

раиси кумита - вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини якуми раис - муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини раис - муовини якуми сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

котиби масъул - сардори раёсати ҳамкориҳо бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аъзои кумита:

муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷмкистон;

муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори маркази технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

роҳбари котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;

муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини якуми сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзм иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини директори Агентни стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини якуми фармондеҳ-сардори сарситоди қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори сарраёсати сиёсати савдо ва бозори истеъмолии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори сарраёсати назорати давлатии фаъолияти фармасевтии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори раёсати танзими тарифи гумруки ва назорати арзии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

директори корхонаи воҳиди давлатии "Маркази равзанаи ягона"-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини сардори раёсати фитосанитарӣ ва карантини растании Кумитаи бехатарии озуқаворӣии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сармутахассиси шуъбаи назорати байтории Кумитаи бехатарии озуқаворӣии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

намояндагони бахши хусусӣ дар соҳаи савдо.